**Қарори ҳайати мушовараи**
**Вазорати маориф ва илми**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31**
**марти соли 2023, №4/32**

# Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд- Низомнома) дар асоси банди 53-и Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, тартиби татбиқи низоми кредитии таҳсилотро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

2.Низоми кредитии таҳсилот бо мақсади таъмини сифати таҳсилот, воридшавӣ ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ ва омода намудани мутахассисони ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯй амалӣ карда мешавад.

## 2.МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

Мафҳумҳои асосие, ки дар Низомномаи мазкур истифода мешаванд:

**Тақвими академӣ** (Academic Calendar) - раванди таълимест, ки дар он давраҳои ташкил ва гузаронидани ҳафтаи дастурдиҳӣ дар оғози соли нави таҳсил (муаррифии фанҳои ҳатмӣ ва интихобии таълимӣ, бақайдгирии донишҷӯён), ҳафтаҳои таълими назариявӣ, муайян намудани имтиҳони фосилавии 1 ва 2, сессияҳои имтиҳонӣ, таҷрибаомӯзиҳо, триместр ва таътил (зимистона ва тобистона), аттестатсияи хатм дар соли таҳсил бо нишон додани рӯзҳои истироҳат ва идҳо дарҷ меёбанд.

**Даври академӣ** (Academic Term) - даври муайяни таҳсил, ки мувофиқи талаботи нақшаи таълимӣ муайян карда мешавад. Миқдори ҳафтаҳои таълими назариявӣ дар як даври академӣ 16-17 ва барои ихтисосҳои тиббӣ 17-18 ҳафтаро дар бар мегирад.

**Гурӯҳи академӣ** (Academic group) **-** гурӯҳи донишҷӯёне мебошад, ки бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти таълимӣ аз 25 то 30 нафарро дар бар мегирад. Ҳадди ақалли гурӯҳҳои академӣ вобаста ба интихоби фанҳои интихобӣ ва ҳаракати академии донишҷӯён на камтар аз 8 нафарро ташкил медиҳад.

**Қарзи академӣ** (Academic Backlog) - мавҷудияти фанҳои дар нақшаи таълимӣ дарҷёфтае, ки донишҷӯ аз онҳо баҳои ғайриқаноатбахш гирифтааст.

**Фарқияти академӣ** (Academic Difference) - мавҷудияти фанҳои дар нақшаи таълимӣ дарҷёфтае, ки донишҷӯ онҳоро наомӯхтааст.

**Озодии академӣ** - маҷмӯи салоҳиятҳои субъектҳои раванди таълим мебошад, ки дар он озодии баёни мазмуни таълим аз рӯйи салоҳдид дар доираи барномаи таълимӣ, интихоби мавзуъ барои таҳқиқоти илмӣ ва ҳалли он бо методҳои гуногун, инчунин озодии донишҷӯён дар гирифтани дониш вобаста ба майли худ дар доираи барномаҳои таълимӣ мебошад.

**Сафарбаршавии академӣ** (Academic Mobility) - ивази муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои таҳсил дар давраи муайян (як даври академӣ, соли таҳсил) ба дигар муассисаи таҳсилоти олии касбии дохил ё хориҷи кишвар бо шарти баробарарзиш донистани кредитҳои тибқи барномаи таълимӣ соҳибгашта дар муассисаи таълимӣ.

**Дараҷаи академӣ** (Academic Degree) - дараҷаест, ки хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пас аз пурра аз худ намудани барномаи таълимии зинаи муайяни таҳсилот ба он ноил мегардад.

**Бакалавриат** (Undergraduet Study) - барномаи таҳсилоти олии касбии пурраест, ки хатмкунанда ба дараҷаи академии бакалавр ноил мегардад.

**Мутахассис** - барномаи таҳсилоти олии касбии пурраест, ки хатмкунандаи ин зинаи таҳсилот ба дараҷаи академии мутахассис ноил мегардад.

**Магистратура** (Master's Degree Programme) - барномаи таҳсилоти олии касбии мутахассиси баландихтисос ва илмию омӯзгориест, ки пас аз дифои рисолаи илмӣ ба дараҷаи академии магистр ноил мегардад.

**Докторантура** (PhD) - барномаи пас аз таҳсилоти олии касбиест, ки хатмкунандаи он баъд аз дифои рисолаи илмӣ ба дараҷаи доктори фалсафа аз рӯйи ихтисос ноил мегардад.

**Фанҳои ҳатмӣ** - фанҳои таълимие, ки омӯзиши онҳо тибқи нақшаи намунавии таълимии ихтисоси муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳатмӣ мебошад.

**Фанҳои интихобӣ** (элективӣ) - фанҳои таълимие, ки аз ҷониби донишҷӯй интихоб карда мешаванд.

**Барномаи кории фан** (силлабус) - ҳуҷҷати асосии таълимию методие мебошад, ки дар он таснифоти фанни таълимӣ, мақсад, вазифаҳо ва мазмуни мухтасари он, мавзуъ ва давомнокии машғулиятҳои дарсӣ, шарҳи мазмун ва мундариҷаи кори мустақилонаи донишҷӯй бо роҳбарии омӯзгор, вақти гузаронидани машварат, талаботи омӯзгор нисбат ба азхудкунии барномаи таълимии фан, меъёри баҳогузорӣ, холҳои ҳавасмандгардонӣ барои иҷрои тамоми шаклҳои корҳои таълимӣ, номгӯйи адабиёти ҳатмию иловагии истифодашаванда, ҷадвали гузаронидани машғулиятҳои дарсӣ, санҷишҳои ҷорӣ ва имтиҳонҳои фосилавӣ, рақами телефон ва нишони электронии омӯзгор дарҷ меёбанд.

**Модул** - қисми барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи ихтисос буда, дар он маҷмӯи фанҳо ва курсҳое омӯхта мешаванд, ки ба ташаккули як ё якчанд салоҳияти ба ҳам монанд равона карда мешаванд.

**Машғулиятҳои таълимӣ** - ба машғулиятҳои таълимӣ лексия, дарс-лексия, машварат, семинар, машғулияти амалӣ, кори лабораторӣ, кори назоратӣ, коллоквиум, кори мустақилона, малакаҳои амалӣ ва клиникӣ, таҷрибаомӯзӣ, кори курсӣ, реферат, кори эҷодӣ, кори таҳлилӣ, намоишӣ, таҳқиқоти дипломӣ ва магистрӣ дохил мешаванд.

**Кори мустақилонаи донишҷӯй** - ҳамчун амали донишҷӯй дар ҷодаи мустақилона аз худ намудани барномаи таълимии фан аз рӯйи мавзуъҳо ва супоришҳои пешбинишуда ба шумор рафта, аз ҷониби зерсохтори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (кафедра) бо адабиёти таълимию методӣ (электронӣ) ва дастурҳо таъмин карда мешавад.

Кори мустақилонаи донишҷӯй дар ду шакл иҷро карда мешавад: -кори мустақилонаи донишҷӯй бо роҳбарии омӯзгор (КМРО); -кори мустақилонаи донишҷӯй (КМД).

**Кори мустақилонаи донишҷӯй бо роҳбарии омӯзгор** - дар шакли дарсҳои амалӣ, лабораторӣ, назариявӣ, таҷрибавӣ, семинарӣ, эҷодӣ, маҳорат, малакаҳои амалӣ аз тарафи омӯзгор ба роҳ монда мешавад.

**Кори мустақилонаи донишҷӯй** - дар шакли маҷмӯи корҳои хонагӣ эссе, муаррифи (презентатсия)-и маводи ҷамъоварда, дифои кор (лоиҳа)-ҳои курсӣ, реферат, омӯхтани мавзуъҳои алоҳида иҷро гардида, аз ҷониби омӯзгор қабул карда мешавад.

**Низоми холдиҳӣ-рейтингӣ** - низоми марҳила ба марҳила дар рафти машғулиятҳои таълимӣ, ҳангоми иҷрои кори мустақилона, супоридани санҷишҳои ҷорӣ, имтиҳонҳои фосилавӣ, ҷамъ овардани холҳо аз тарафи донишҷӯён ва дар ин асос ба имтиҳони ниҳоӣ роҳ ёфтани онҳо мебошад.

Ҷамъи умумии холҳо барои роҳ ёфтани донишҷӯй ба имтиҳони ниҳоӣ бояд на камтар аз 25 хол бошад. Дар асоси холҳои бадастовардаи донишҷӯй ифодаи ҳуруфӣ, ададӣ, дараҷаи азхудкунии барномаи фанҳои таълимӣ, сатҳи донишандӯзӣ ва натиҷаи фаъолияти таълимии онҳо муайян карда мешавад.

**Рейтинги академӣ** (Academic Rating) - шакли назорат ва натиҷагириест, ки бо мақсади муайян намудани дараҷаи азхудкунии барномаи фанҳои таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён дар давоми ҳар як даври академӣ гузаронида мешавад.

**Санҷиши ҷорӣ** - санҷиши мунтазами дараҷаи дониши таълимгиранда аз ҳар як мавзуъ ё боби фанни омӯхташаванда мебошад, ки аз тарафи омӯзгори фан гузаронида мешавад.

**Имтиҳони фосилавӣ** (Midterm Examination) - шакли назоратест, ки бо мақсади муайян намудани дараҷаи азхудкунии барномаи фанҳои таълимӣ дар давоми ҳар як даври академӣ ду маротиба гузаронида мешавад. Имтиҳони фосилавӣ аз ҷониби омӯзгорони фаннӣ ё ба таври мутамарказ гузаронида мешавад.

**Имтиҳони ниҳоӣ** - ҳамчун шакли ниҳоии назорат аз рӯйи дараҷаи азхудкунии барномаи таълимии фанҳо муайян карда шуда, тибқи талаботи нақшаи таълимӣ барои ҳар як даври академӣ баробари ба охир расидани ҳафтаҳои таълими назариявӣ, дар асоси фармоиши ректор (директор) оид ба тартиби ташкил ва гузаронидани сессияи имтиҳонӣ қабул карда мешавад.

**Апеллятсия** - амалест, ки бо мақсади муайян намудан ваислоҳи баҳогузории ғайриобъективона ба дараҷаи донишандӯзии донишҷӯён гузаронида мешавад.

**Триместр** - семестри иловагии таълими назариявї барои баланд намудани холи миёнаи умумї ва бартараф намудани ќарзњои академї муайян карда шуда, дар соли тањсил ду маротиба (дар даврањои таътили зимистона - моњњои январ-феврал ва тобистона - моњњои июн-июл) дар муддати то 8 њафта гузаронида мешавад (ЌЊМ ВМИЉТ аз 29.09.2023, №13/3).

Ба триместр донишҷӯёне роҳ дода мешаванд, ки дар давраи асосии сессияҳои имтиҳонӣ (зимистона ва тобистона) аз фанҳои таълимӣ қарзи академӣ ё хоҳиши аз фанҳои алоҳида баланд бардоштани баҳои худро доранд.

**Таҷрибаомӯзӣ** - як қисми асосии раванди таълим ба шумор рафта, дар амал ба мустаҳкам намудани донишҳои назариявии азбаркардаи донишҷӯён дар раванди таҳсил ва ба даст овардани маҳорату малакаҳои касбӣ аз рӯйи ихтисоси интихобкардаи онҳо равона карда шудааст. Барои дарёфти зинаҳои гуногуни таҳсилот-бакалавр, мутахассис, магистр, доктор аз рӯйи ихтисос (доктор Ph.D), гузаронидани таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, саҳроӣ, истеҳсолӣ, омӯзгорӣ ва пешаздипломӣ ба нақша гирифта мешавад.

**Холи миёнаи умумӣ** (Grade Point Auerage) - холи миёнаи арифметикии баркашидаи натиҷаи донишандӯзии таълимгиранда аз рӯйи ихтисоси интихобкардааш мебошад, ки ҳамчун нисбати суммаи ҳосили зарби кредитҳо ва ифодаиададии холҳои умумии аз фанҳои алоҳида бадастоварда ба миқдори умумии кредитҳои дар даври академӣ соҳибгаштаи донишҷӯй ҳисоб карда мешавад.

**Маълумотномаи академӣ** (Transcript) - шакли муқарраршудаи ҳуҷҷатест, ки номгӯйи фанҳои таълимии дар давраи муайяни таҳсил аз тарафи донишҷӯй омӯхташударо бо нишондоди миқдори кредитҳо, баҳо ва холҳои бадастовардаи ӯ дарбар мегирад (Замимаи 1).

**Маводи фаъоли тақсимшаванда** (Handonts) - маводи аёнии таълимие мебошад, ки дар раванди машғулиятҳои таълимӣ ба донишҷӯён бо мақсади инкишофи қобилияти эҷодӣ ва азхудкунии салоҳиятҳои касбии онҳо тақсим карда мешавад.

**Номнавис шудан ба фанни таълимӣ** (Enrollment) - давраи интихоби фанҳои таълимӣ бо тартиби муқарраршуда мебошад.

**Маҷмуи маводи таълимӣ-методии фан** - маҷмуи ҳуҷҷатҳои таълимию методие мебошад, ки барои бомуваффақият аз худ намудани фанни муайян имконият медиҳад.

**Маҷмуи маводи таълимӣ-методии донишҷӯй** - маҷмуи ҳуҷҷатҳо ва маводи ахбории таълимию методие мебошад, ки нақшаи таълимии фардии донишҷӯйро барои тамоми

давраи таҳсил, барномаҳои кории фан (силлабус)-ҳо, нишондодҳои методӣ оид ба кори мустақилона, барномаҳои таҷрибаомӯзӣ ва ғайра дарбар мегирад.

**Тютор** (Tutor) - омӯзгорест, ки ба донишҷӯён аз фанни муайян машғулиятҳои лексионӣ, амалӣ, таҷрибавӣ, лабораторӣ, семинарӣ, эҷодӣ ва машваратҳо гузаронида, ба корҳои курсӣ, дипломӣ ва таҷрибаомӯзии онҳо роҳбарӣ мекунад.

**Таълими сиклї** - шакли таълим буда, дар шуъбаи рӯзонаи муассисаи таҳсилоти олии касбї бо мақсади дар сатҳи баланд ташкил ва баргузор намудани раванди таълим, корҳои таълимию методї оид ба як ё якчанд фанни таълимї, истифодаи самараноки заминаи моддї – техникї, фонди аудиторї, ҷалби омӯзгорони соҳибкасби дохилї ва хориҷи кишвар, инчунин, истифода ва табодули таҷрибаи онҳо ташкил карда мешавад (ЌЊМ ВМИЉТ аз 29.09.2023, №13/3).

**Эдвайзер** (Advisor) - омӯзгори роҳбаладест, ки ҳамчун маслиҳатгар ба донишҷӯёни ихтисоси муайян дар интихоби самт (маҳрук)-и таҳсилот, тартибдиҳии нақшаи фардии таълимӣ ва азхудкунии барномаи таълимӣ дар давраи таҳсил кумак мерасонад.

**Соати академӣ** (Academic hour) - вақти муқарраршудаест, ки омӯзгор бо донишҷӯй дар шакли дарсҳои аудиторӣ ва қабули кори мустақилона мегузаронад. Як соати академӣ дар низоми кредитии таҳсилот ба 50 дақиқа баробар аст.

**Кредит** (Credit) - меъёри ягонаи арзёбии ҳаҷми сарбории таълимии донишҷӯй ва омӯзгор буда, ба 24 соати академӣ баробар мебошад.

**Рисолаи хатм** - яке аз шаклҳои кори хатми касбӣ ба шумор рафта, ҳамчун кори мустақилонаи эҷодӣ аз ҷониби донишҷӯён, магистрҳо ва докторантон иҷро ва дар охири соли таҳсил барои дифоъ пешниҳод карда мешавад.

## 3. БАНАҚШАГИРӢ ВА ТАШКИЛИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ

3.Раванди таълим дар низоми кредитии таҳсилот тибқи нақша ва барномаҳои намунавии таълимии аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиққардашуда сурат мегирад. Вазифаҳои асосии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми ташкили раванди таълим дар шакли ташаккули ҳаҷми дониш вобаста ба зинаҳои таҳсилот, ташкили шароит ҷиҳати то ҳадди имкон фардӣ гардонидани раванди таълим, таҳкими мақом ва самаранокии кори мустақилонаи донишҷӯй муайян карда шудааст.

4.Барои татбиқи низоми кредитии таҳсилот оид ба ҳар як самти ихтисос шаклҳои зерини нақшаҳои таълимӣ таҳия ва истифода мешаванд:

-нақшаи таълимии намунавӣ - аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуда, мазмун ва ҳаҷми сарбории таълимии донишҷӯёнро муайян мекунад;

-нақшаи таълимии фардӣ - аз тарафи ҳар як донишҷӯй таҳия шуда, самти таҳсилоти ӯро муайян мекунад;

-нақшаи таълимии корӣ дар асоси нақшаҳои таълимии намунавӣ ва фардӣ таҳия шуда, барои тартиб додани ҷадвали раванди таълим, ҳисоб кардани ҳаҷми меҳнатталабии донишҷӯён оид ба фанҳои таълимӣ ва сарбории таълимии омӯзгорон истифода мешавад.

5.Ҳаҷми меҳнатталабии фаъолияти таълимии донишҷӯён вобаста ба азхудкунии барномаи таълимии фанҳо ба ҳисоби 1 кредит барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот 24 соат муқаррар карда мешавад.

Таркиби 1 кредит барои дарсҳои назариявӣ вобаста ба зинаҳои гуногуни таҳсилот ба таври зайл муқаррар карда мешавад:

-барои барномаи бакалавриат 8 соати дарси аудиторӣ, 8 соати корҳои мустақилонаи донишҷӯй бо роҳбарии омӯзгор ва 8 соати корҳои мустақилонаи донишҷӯй;

-барои барномаи магистратура 6 соати дарси аудиторӣ, 6 соати корҳои мустақилонаи магистр бо роҳбарии омӯзгор ва 12 соати корҳои мустақилонаи магистр;

-барои барномаи докторантура аз рӯйи ихтисос – барои омӯзиши назариявӣ: 4 соати дарси аудиторӣ, 4 соати корҳои мустақилонаи докторант бо роҳбарии мушовири илмӣ (роҳбари илмӣ) ва 16 соати корҳои мустақилонаи докторант; барои кори таҳқиқотӣ: 2 соати дарси аудиторӣ, 2 соати корҳои мустақилонаи докторант бо роҳбарии мушовири илмӣ (роҳбари илмӣ) ва 20 соати корҳои мустақилонаи докторант.

6.Барои дарёфти дараҷаи академии «бакалавр» аз рӯйи ихтисоси алоҳида 240 кредит, «мутахассис» ва «бакалавр» аз рӯйи ихтисоси ҳамгиро 300 кредит, магистр 120 кредит ва доктори фалсафа (PhD) 180 кредит новобаста аз шакли таҳсил муқаррар карда мешавад.

Барои дарёфти дараҷаи академии «мутахассис» барои ихтисосҳои соҳаи тиб муҳлати таҳсил 5/6 сол дар ҳаҷми 350/420 кредит муқаррар карда мешавад.

Барои таҳсилоти олии дуюм аз рӯйи ихтисоси алоҳида, таҳсили 3-сола на камтар аз 180 кредит, «мутахассис» ва «бакалавр» аз рӯйи ихтисоси ҳамгиро таҳсили 4-сола на камтар аз 240 кредит ба истисноии бахши фанҳои заминавӣ, муқаррар карда мешавад.

7.Тамоми шаклҳои сарбории таълимии донишҷӯй (машғулиятҳои назариявӣ, кор (лоиҳа)-ҳои курсӣ, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, кори хатм, рисолаи магистрӣ, докторӣ, таҷрибаомӯзӣ ва ғайра) новобаста аз зинаҳои таҳсилот бо кредитҳо муайян карда шуда, ба ҳаҷми умумии кредитҳо дохил мегардад.

8.Ташкили раванди таълим барои соли таҳсил дар асоси тақвими академӣ, ки аз тарафи ректор (директор) тасдиқ мегардад, ба роҳ монда мешавад.

Тартиби ташкили раванди таълим барои донишљўйи имконияташ мањдуд аз љониби муассисаи тањсилоти олии касбї муайян карда мешавад (ЌЊМ ВМИЉТ аз 29.09.2023, №13/3).

9.Соли таҳсил аз даврҳои академӣ, таҷрибаомӯзӣ ва таътил иборат аст. Даври академӣ вобаста ба шакли он аз 16 то 18 ҳафтаи таълими назариявӣ иборат мебошад.Дар курси ниҳоии давраи таҳсил донишҷӯй аз аттестатсияи хатм гузаронида мешавад.

Барои ҷамъбасти имтиҳони фосилавии 1 ва 2 дар ҳар як даври академӣ 1-2 ҳафта ҷудо ва пас аз ҳар як даври академӣ ба донишҷӯён таътил муқаррар карда мешавад, ки давомнокии он дар як соли таҳсил бояд на камтар аз 7 ҳафтаро ташкил диҳад.

10.Рейтинги донишҷӯй аз рӯйи натиҷаи ҷамъбасти фаъолияти таълимии санҷишҳои ҷорӣ, кори мустақилона, имтиҳони фосилавӣ бо назардошти холҳои ҳавасмандӣ муайян карда мешавад.

Тартиби ташкил ва гузаронидани рейтинги донишҷӯёнро муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муайян менамояд.

11.Давомнокии триместр дар давраи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар ҳаҷми то 8 ҳафта барои як соли таҳсил дар назар дошта мешавад, ки он бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи донишҷӯён, ҷиҳати гирифтани таълими назариявии иловагӣ, бартараф намудани қарзҳои академӣ ва баланд намудани холи миёнаи умумӣ (GPA) гузаронида мешавад.

12.Муҳлати супоридани фарқиятҳо аз рӯйи нақшаҳои таълимӣ барои донишҷӯёне, ки барқарор ё интиқол мешаванд, дар давоми ҳафтаҳои таълими назариявии як даври академӣ муқаррар карда мешавад.

13.Сарбории таълимии омӯзгор дар шакли фаъол (гузаронидани корҳои таълимӣ дар асоси ҷадвали дарсии тасдиқшуда бевосита дар аудитория ва тариқи онлайн) ва ғайрифаъол (намудҳои дигари корҳои таълимӣ, ки берун аз аудитория иҷро карда мешаванд) ба нақша гирифта мешавад.

14.Нақшаҳои таълимии зинаи таҳсилоти бакалавриат ва мутахассис аз бахшҳои зерин иборат мебошанд:

1. **Бахши фанҳои заминавӣ**

1.1. Модули фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ;

1.2. Модули фанҳои забонӣ;

1.3. Модули фанҳои табиӣ-иқтисодӣ ва технологияи информатсионӣ.

**2. Бахши фанҳои тахассусӣ**

2.1. Модули фанҳои умумикасбӣ;

2.2. Модули фанҳои тахассусӣ.

**3. Бахши фанҳои интихобӣ**

3.1. Модули фанҳои интихобии бахши 1;

3.2. Модули фанҳои интихобии бахши 2.

**4. Бахши таҷрибаомӯзӣ**

**5. Аттестасияи хатм**

15.Нақшаи таълимии фардии донишҷӯй дар асоси нақшаи таълимии намунавӣ ва феҳристи фанҳои интихобӣ барои соли таҳсил дар зинаи бакалавриат ва мутахассис аз семестри сеюм ва дар зинаҳои магистратура ва доктор аз рӯйи ихтисос (доктор PhD) аз семестри якум аз тарафи донишҷӯй, магистр ва докторант бо маслиҳати мушовири академӣ (эдвайзер) тартиб дода мешавад. Нақшаи фардии донишҷӯй аз тарафи декани факултет тасдиқ карда мешавад.

16.Барои дарёфти дараҷаи академии магистр (муҳлати таҳсил -2 сол) аз худ намудани 120 кредит, аз ҷумла: на камтар аз 12 кредитҳои барои таҷрибаомӯзии илмӣпедагогӣ, на камтар аз 6 кредитҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, на камтар аз 39 кредитҳои барои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва иҷрои рисолаи магистрӣ, 3 кредитҳои барои аттестатсияи хатм пешбинишуда ҳатмӣ мебошад.

17.Барои дарёфти дараҷаи илмии доктор аз рӯйи ихтисос, доктори фалсафа (PhD) муҳлати таҳсил 3 сол, аз худ намудани 180 кредит, аз ҷумла: 40 кредити барои таълими назариявӣ, 20 кредити барои таҷрибаомӯзиҳои омӯзгорӣ ва илмӣ, 120 кредити барои иҷро ва дифои рисолаи илмӣ пешбинишуда ҳатмӣ мебошад.

18.Миқдори кредитҳо дар нақшаи таълимии фардӣ барои як соли таҳсил на камтар аз 60 ва барои ихтисосҳои тиббӣ 70 кредитро ташкил медиҳад. Донишҷӯй бояд дар ҳар як даври академӣ ба ҳисоби миёна 30 ва барои ихтисосҳои тиббӣ 35 кредит (аз он ҷумла, 100% фанҳои ҳатмӣ)-ро аз худ кунад.

19.Теъдоди умумии фанҳои таълимӣ барои ҳар як даври академӣ дар зинаи таҳсилоти бакалавриат ва мутахассис то 8 (ба истиснои ихтисосҳои тиббӣ), дар зинаи таҳсилоти магистратура то 6 ва дар зинаи таҳсилоти доктор аз рӯйи ихтисос, доктори фалсафа (PhD) то 4 фан муқаррар карда мешавад.

Ҳадди аксари теъдоди фанҳо тибқи Барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи ихтисос дар зинаи таҳсилоти бакалавр ва мутахассис барои ихтисосҳои алоҳида на камтар аз 48 ва барои ихтисосҳои ҳамгиро то 64 фан муқаррар карда мешавад.

20.Тартиби ҳисоби соатҳо ва ҳаҷми сарбории умумии омӯзгорони кафедра тибқи Дастурамал оид ба таҳияи сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

21.Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ уҳдадор аст, ки донишҷӯёнро бо қоидаҳои ташкили раванди таълим шинос намояд.

22.Бақайдгирии донишҷӯён ба омӯзиши фанҳои таълимӣ (ҳатмӣ, интихобӣ (элективӣ), интихоби омӯзгорони фаннӣ ва гурӯҳбандӣ барои соли нави таҳсил аз ҷониби садорати факултет ва кафедраҳо (дар давоми моҳи апрели соли таҳсил) ташкил ва гузаронида мешавад.

23.Донишҷӯёни курсҳои 2-4 баъд аз муаррифии фанҳо нақшаи таълимии фардии худро барои соли нави таҳсил пас аз маслиҳати мушовири академӣ (эдвайзер) тартиб дода, то 30-юми апрели соли таҳсил ба садорати факултет месупоранд. Донишҷӯй метавонад то 10-уми июн ба нақшаи таълимии фардии худ аз миқдори умумии кредитҳо дар ҳаҷми то 20%

тағйирот ворид намояд. Дар ин маврид донишҷӯй ба садорати факултет хаттӣ (дар шакли муқарраршуда) муроҷиат мекунад.

24.Шакли нақшаи таълимии фардии донишҷӯйро муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муайян менамояд.

25.Дар ҳолати то 30-юми апрели соли таҳсил барои омӯзиши ин ё он фанни интихобӣ дар соли нави таҳсил номнавис шудани теъдоди аз ҳадди ақали муқарраршуда камтари донишҷӯён, ин фан ба нақшаи таълимии корӣ ворид карда намешавад.

26.Ҳангоми аз курс ба курс гузаронидани донишҷӯй ва аз ҷониби ӯ ба садорати факултет дар муҳлати муқарраршуда пешниҳод нагардидани нақшаи таълимии фардӣ, садорати факултет метавонад, барои муайян намудани самт (маҳрук)-и таҳсилоти ӯ нақшаи таълимии намунавиро ҳамчун асос истифода барад.

27.Дар натиҷаи таҳлили нақшаҳои таълимии фардӣ садорати факултет нақшаҳои таълимии кориро аз рӯйи самти ихтисос таҳия намуда, то 15-уми июни соли таҳсили ҷорӣ ҷадвали дарсӣ тартиб медиҳад.

28. Ташкил ва баргузор намудани раванди таълими сиклиро Тартиби ташкили раванди таълими сиклї дар муассисаи тањсилоти олии касбии Љумњурии Тољикистон муќаррар мекунад (ЌЊМ ВМИЉТ аз 29.09.2023, №13/3).

29.Таълими сиклӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор дар соҳаи маориф ва илм ба роҳ монда мешавад.

## 4.НИЗОМИ НАЗОРАТ ВА БАҲОДИҲӢ БА ДАРАҶАИ АЗХУДКУНИИ ФАНҲО

30.Натиҷаи азхудкунии барномаи таълимии ҳар як фан аз ҷониби донишҷӯй дар шакли баҳогузории ҳуруфӣ бо истифода аз ҳарфҳои A (A, A-), B (B+, B, B-), C (C+, C, C-), D (D, D-) ва F (Fx, F) ифода карда мешавад.

31.Шакли ҳуруфии баҳогузорӣ ба фаъолияти таълимии донишҷӯй ва муайян намудани баҳои ниҳоии ӯ мувофиқи низоми холдиҳӣ-рейтингии 100 бала ба роҳ монда мешавад.

32.Гузариш аз низоми холдиҳӣ-рейтингии 100 бала ба шакли ҳуруфии баҳогузорӣ бо истифода аз услуби рейтингӣ (бо назардошти мураккабияти барномаи таълимии фанҳо) амалӣ гардонида мешавад.

33.Муайян намудани ҳадди ақали холҳо барои гирифтани баҳои мусбӣ аз фанҳои алоҳида вобаста ба ҳаҷми меҳнатталабии онҳо тибқи низоми холдиҳӣ-рейтингии 100бала дар ҳудуди на камтар аз 50% муқаррар карда мешавад.

34.Ифодаи ҳуруфии баҳои донишҷӯй ва эквиваленти ададии он тибқи ҷадвали 1 муайян карда мешавад.

***Ҷадвали 1***

Ифодаи ҳуруфии баҳои донишҷӯй ва эквиваленти ададии он

| Баҳо (ҳуруфӣ) | Ифодаи ададии баҳо | Ифодаи таносуби холҳои умумӣ бо баҳои ҳуруфӣ | Ифодаи анъанавии баҳо |
|---|---|---|---|
| A | 4,0 | Аз 95 то 100 | Аъло |
| A- | 3,67 | Аз 90 то 94 | |
| B+ | 3,33 | Аз 85 то 89 | Хуб |
| B | 3,0 | Аз 80 то 84 | |
| B- | 2,67 | Аз 75 то 79 | |
| C+ | 2,33 | Аз 70 то 74 | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| C | 2,0 | Аз 65 то 69 | Қаноатбахш |
| C- | 1,67 | Аз 60 то 64 | |
| D+ | 1,33 | Аз 55 то 59 | |
| D | 1,0 | Аз 50 то 54 | |
| Fx | 0 | Аз 45 то 49 | Ғайриқаноатбахш |
| F | 0 | Аз 0 то 44 | |

***Эзоҳ:**Fx - баҳои ғайриқаноатбахшест, ки ба донишҷӯй ҳуқуқи дар омӯзиши такрории фан иштирок накарда, дар триместр бе пардохти маблағ супоридани имтиҳони фанни мазкурро медиҳад.*

35.Бо мақсади ҳавасманд гардонидан ва дастгирии иҷтимоии донишҷӯён дар ҳар як даври академӣ дар асоси натиҷаи ҷамъбасти сессияи имтиҳонӣ стипендияи давлатии академӣ тибқи тартиби муқарраргардида муайян карда мешавад.

36.Шурои таълимӣ-методии (илмӣ-методӣ) муассисаи таҳсилоти олии касбӣ қоидаи умумии низоми холдиҳӣ-рейтингӣ ва тартиби баҳодиҳӣ ба дараҷаи азхудкунии барномаи таълимии фанҳоро вобаста ба хусусияташон аз ҷониби донишҷӯй муайян менамояд.

37.Донишҷӯе, ки аз рӯйи натиҷаи имтиҳонҳои фосилавӣ 1, 2 ва имтиҳони ниҳоии ин ё он фанни таълимӣ баҳои F (ғайриқаноатбахш) гирифтааст, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки бо сабаби узрнок ба имтиҳонҳо ҳозир нашудааст, барои такроран супоридани имтиҳон танҳо дар давраи триместр пас аз пардохти маблағи кредит иҷозат дода мешавад.

38.Донишҷӯй метавонад аз садорати факултет, маркази бақайдгирӣ ва машварат ва сомонаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба натиҷаи рейтинги академии худ маълумот гирад.

39.Донишҷӯёне, ки пас аз ҷамъбасти сессияи имтиҳонии ҳар як даври академӣ аз 1-2 фанни таълимӣ қарзи академӣ доранд, имконияти дар триместр бартараф намудани онҳо ва дар даври академии оянда идома додани таҳсилро пайдо мекунанд.

40.Донишҷӯёне, ки аз натиҷаи ҷамъбасти сессияи имтиҳонӣ аз 3 ва зиёда фанҳои таълимӣ қарзи академӣ доранд, аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ карда мешаванд.

41.Донишҷӯй барои барқарор шудан пас аз тасвиби расидани фармоиши ректор (директор)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ миқдори кредитҳои заруриро, ки мувофиқи нақшаи таълимии фардӣ аз худ карда натавонистааст, бояд азхуд кунад.

42.Донишҷӯе, ки ба курс ва ихтисоси мувофиқ барқарор ва ё интиқол мегардад, фанҳои таълимии курси мазкурро пурра аз худ намуда, холҳои заруриро ба даст овардааст, дар ҷамъбасти сессияи имтиҳонӣ ба инобат гирифта мешавад. Инчунин, омӯзиши такрории фан ба таври интихобӣ аз ҷониби донишҷӯй ба роҳ монда мешавад.

43.Дар ҳолате, ки қисми зиёди донишҷӯён аз фанҳои таълимӣ қарзи академӣ доранд, раёсати таълим бо назардошти на камтар аз ҳадди ақал (8 нафар) бо хоҳиши донишҷӯён ва интихоби омӯзгор дар триместр машғулиятҳои иловагӣ ташкил менамояд.

44.Донишҷӯён, новобаста аз шакли таҳсили ройгон ва пулакӣ, танҳо пас аз пардохти маблағе, ки мувофиқи харҷномаи мувофиқашудаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои азхуд намудани 1 кредит муқаррар шудааст, ин фанро аз нав омӯхта, имтиҳон месупоранд.

45.Имтиҳонҳои фосилавӣ оид ба ҳар як фан аз тарафи омӯзгори фаннӣ ва имтиҳони ниҳоӣ аз тарафи комиссияе, ки бо фармоиши ректор (директор)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъсис дода шудааст, бо иштироки омӯзгорӣ фаннӣ қабул карда мешавад.

46.Имтиҳонҳои фосилавӣ ва ниҳоӣ вобаста ба хусусияти фанҳои таълимӣ дар шакли қабули тестҳои омехта, корҳои хаттӣ, амалӣ, шифоҳӣ, эҷодӣ ва маҳорат ба роҳ монда шуда, натиҷаи онҳо дар факултет ва маркази бақайдгирӣ ва машварат нигоҳ дошта мешавад.Раёсати таълим натиҷаи имтиҳонҳои фосилавӣ ва ниҳоиро баробари анҷом ёфтани раванди имтиҳонсупорӣ дар сомонаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҷой медиҳад.

47.Имтиҳонҳои фосилавии 1 ва 2 оид ба ҳар як фанни таълимӣ дар ҳафтаҳои 8 ва 16 ё дар ҳафтаҳои барои қабули имтиҳонҳои фосилавӣ ҷудо намудаи муассисаи таълимӣ-дар ҳафтаҳои 9 ва 18 гузаронида мешаванд. Имтиҳони ниҳоӣ дар давраи сессияҳои имтиҳонӣ қабул карда мешаванд.

48.Баҳои умумии донишҷӯй оид ба азхудкунии барномаи таълимии ҳар як фан бо формулаи зерин ҳисоб карда шуда, бо фоиз ифода меёбад:

$$Холхоиумуми = \frac{(P_1 + P_2)}{2} \cdot n_1 + Ин \cdot n_2$$

дар ин ҷо:

n - коэффистиенти доимӣ набуда, метавонад аз 0,40 то ба 1,0 баробар бошад ва ҳосили ҷамъи ададҳои $n_1$ ва $n_2$ бояд ба 1 баробар шавад.

$P_1$- холҳои имтиҳони фосилавии якум; $P_2$- холҳои имтиҳони фосилавии дуюм; Ин - холҳои имтиҳони ниҳоӣ.

49.Пас аз анҷоми ҳар як даври академӣ дар асоси ифодаи ададии баҳои донишҷӯй аз фанҳои алоҳида холи умумии миёна (GPA)-и ӯ бо истифодаи услуби миёнаи арифметикии баркашида тибқи нишондоди намунаи ҷадвали 2 ҳисоб карда мешавад.

***Ҷадвали 2***

Намунаи тарзи ҳисоби холи умумии миёна (GPA)-и донишҷӯй дар семестр

| Р/т | Номгӯйи фанҳо | Миқдори кредитҳо | Ифодаи ҳуруфии баҳо | Ифодаи ададии баҳо | Холи умумӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Фалсафа | 4 | B | 3 | 12 |
| 2 | Математика | 4 | C | 2 | 8 |
| 3 | Информатика | 6 | B | 3 | 18 |
| 4 | Таърихи халқи тоҷик | 4 | A | 4 | 16 |
| 5 | Забони тоҷикӣ | 4 | A | 4 | 16 |
| 6 | Забони русӣ | 4 | B | 3 | 12 |
| 7 | Забони хориҷӣ | 4 | C- | 1,67 | 6,68 |
| Ҳамагӣ | | 30 | | | 88,68 |
| Холи умумии миёна (GPA) | | | | | 2,95 |

50.Барои аз курс ба курс гузаронидани донишҷӯй ҳадди ақали холи умумии миёна (GPA)-и ӯ муайян карда мешавад, ки донишҷӯй дар ҳар як соли таҳсил бояд на камтар аз онро соҳиб шавад. Холи умумии миёна (GPA)-и донишҷӯй вобаста ба курсҳо чунин муқаррар карда мешавад:

-барои курси якум - 1,67;

-барои курси дуюм - 1,75;

-барои курсҳои сеюм, чорум ва панҷум - 2,0

51.Барои роҳ ёфтани донишҷӯй ба аттестатсияи хатм ҳадди ақали холи умумии миёна (GPA) дар давраи таҳсил бояд на камтар аз 1,85-ро ташкил диҳад.

52.Донишҷӯёне, ки ҳадди ақали холи умумии миёна (GPA)-и онҳо дар ҷамъбасти соли таҳсил аз ҳадди ақали холи умумии миёна (GPA)-и дар банди 50-и Низомномаи мазкур муқаррашуда камтар аст, ҷиҳати баланд бардоштани холи умумии миёна (GPA) барои ҳар як кредити фанҳое, ки аз онҳо холҳои кофӣ ба даст наовардаанд, бо пардохти маблағ такроран омӯхта, имтиҳон месупоранд.

53.Фармоиши ректор (директор)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои аз курс ба курс гузаронидан, танҳо нисбат ба донишҷӯёне ба имзо расонида мешавад, ки холи умумии миёна (GPA)-и онҳо на камтар аз холи умумии миёна (GPA)-и дар банди 50-и Низомнома муқаррargардида бошад.

54. Ба донишҷӯёне, ки дар муҳлати муқарраршудаи таҳсил на камтар аз ҳаҷми кредитҳои тибқи нақшаи таълимӣ муқарраршударо аз худ мекунанд, барои гузаштан аз аттестатсияи хатм иҷозат дода мешавад.

55.Барои гирифтани иҷозат ба дифои рисолаи илмӣ дар зинаи магистратура аз худ намудани барномаи таълимӣ дар шакли таълими назариявӣ дар муҳлати муқарраршудаи таҳсил (2 сол) ва дар ҳаҷми пурра муайян карда мешавад.

## 5.ТАШКИЛИ КОРҲОИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЙ БО РОҲБАРИИ ОМӮЗГОР

56.Корҳои мустақилонаи донишҷӯй бо роҳбарии омӯзгор дар шакли дарсҳои амалӣ, лабораторӣ, назариявӣ, таҷрибавӣ, семинарӣ, эҷодӣ, маҳорат, малакаҳои амалӣ ва клиникӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ иҷро гардида, аз тарафи омӯзгор ба роҳ монда мешаванд.

57.Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор дар соҳаи маориф бо қарори шурои олимон метавонад дар бахши фанҳои тахассусии нақшаи таълим дар доираи буҷаи вақти муқарраршуда то 10 фоиз тағйирот ворид намояд.

58.Корҳои мустақилонаи донишҷӯй бо роҳбарии омӯзгор тибқи талаботи нақшаҳои таълимии ихтисос барои омӯзиши ҳамаи фанҳои таълимӣ пешбинӣ мешавад.

59.Нақша ва тарзи гузаронидани корҳои мустақилонаи донишҷӯй бо роҳбарии омӯзгор бо нишон додани супоришҳо ва муҳлати иҷро дар маҷмуаи таълимӣ-методӣ ё барномаи корӣи фан (силлабус) пурра дарҷ меёбад.

60.Натиҷаи фаъолияти таълимии донишҷӯй аз рӯйи иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯй бо роҳбарии омӯзгор аз ҷониби омӯзгори фан холгузорӣ карда мешавад.

## 6.ТАШКИЛИ КОРҲОИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЙ

61.Корҳои мустақилонаи донишҷӯй тарзи фаъол ва мақсадноки аз худ намудани дониш, ташаккул додани малака ва маҳорати сермаҳсули эҷодии донишҷӯй бе иштироки фаъоли омӯзгор дар ин раванд мебошад. Чорабиниҳое, ки ташкили дурусти ба роҳ мондани корҳои мустақилонаи донишҷӯйро таъмин мегардонанд, бояд дар асоси талаботи зерин амалӣ карда шаванд:

-корҳои мустақилонаи донишҷӯй бояд аз рӯйи самти фанни таълимӣ ба таври мушаххас муайян карда шаванд;

-корҳои мустақилонаи донишҷӯй бояд самаранок ва пайваста таҳти назорат қарор гирифта, натиҷаи иҷрои онҳо баҳогузорӣ гарданд.

62.Корҳои мустақилонаи донишҷӯй вобаста ба хусусиятҳои фанҳои таълимӣ ва мазмуну мундариҷаи он дар асоси барномаи таҳсилотӣ, барномаи кории фанҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастур ва воситаи таълимӣ муайян карда шавад.

63.Назорат ва гузоштани баҳо ба натиҷаи корҳои мустақилонаи донишҷӯй бояд ҳамчун ягонагии ду шакли кор ташкил карда мешавад:

-фаъолияти мустақилонаи таълимии донишҷӯй;

-назорат ва баҳогузорӣ аз ҷониби омӯзгори фанни таълимӣ.

64.Тарзи иҷро намудани корҳои мустақилонаи донишҷӯй бояд дар асоси барномаи кории ҳар як фанни таълимии ба барномаи касбии таълимии ихтисоси муайян дохилшаванда муқаррар карда шавад. Дар қисмати мазкури барномаи кории фанни таълимӣ бояд супоришҳо барои иҷро намудани корҳои мустақилонаи донишҷӯй доир ба ҳама ё баъзе мавзуъҳо муайян гардад. Барои онҳо яке аз шаклҳои назорат (пурсиши шифоҳӣ, маъруза намудан, навиштани реферат, гузаронидани таҳқиқоти мустақилона, супервизия, супоридани коллоквиум, супоридани тест, иҷро намудани кори назоратӣ ва ғайра) нишон дода мешавад.

65.Тарзи иҷро намудани корҳои мустақилона аз ҷониби донишҷӯй дар мувофиқа бо омӯзгори фаннӣ муайян карда мешавад.

66.Барои иҷрои корҳои мустақилона аз ҷониби омӯзгори кафедра барои донишҷӯй талаботҳои зерин таъмин карда мешавад:

-тарзи кори инфиродӣ ҳангоми иҷро намудани корҳои назариявӣ (баҳисобгирӣ, тартиб додани нақшаҳо ва ғайра) ва амалӣ (иҷро намудани корҳои лабораторӣ, хаттӣ ва илмӣ-методӣ);

-воситаҳои маълумотдиҳанда (маълумотномаҳо, дастурҳои таълимӣ, бонки корҳои инфиродӣ, барномаҳои таълимӣ, маҷмуи барномаҳои бунёдӣ ва ғайра);

-маводи методӣ (тавсияҳо, роҳнамоҳои практикумҳо ва ғайра);

-маводи назоратӣ (тестҳо);

-маводи захиравӣ (воситаҳои ченкунанда, технологӣ ва ғайра);

-мусоҳибаҳо (омӯзгорон, кормандони илмӣ-таҳқиқотӣ ва ғайра);

-имконияти муайян намудани равиши (траектория)-и таълимии худ (фанҳои таълимии интихобӣ, хизматҳои иловагии таълимӣ, нақшаҳои инфиродии таълимӣ);

-имконияти ба таври расмӣ муҳокима намудани натиҷаҳои назариявӣ ё амалии мустақилона бадастовардашуда (иштирок намудан дар конференсияҳо, олимпиадаҳо, озмунҳо).

67.Корҳои мустақилонаи донишҷӯй дар кафедра, лабораторияҳои таълимию истеҳсолӣ, студияҳои таълимӣ, муассисаҳои тиббӣ ва таълимию истеҳсолие, ки муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо онҳо шартномаи ҳамкорӣ дорад, амалӣ карда мешавад.

## 7. ТАРТИБИ ИҶРО ВА ҲИМОЯИ КОР (ЛОИҲА)-И КУРСӢ

68.Иҷрои кор (лоиҳа)-и курсӣ дар нақшаҳои таълимии ихтисос барои бахши фанҳои тахассусӣ пешбинӣ гардида, дар давоми як даври академӣ ба нақша гирифта мешавад.

69.Баҳогузорӣ ба сифати иҷро ва ҳимояи кор (лоиҳа)-и курсии фаннӣ аз ҷониби ҳайати комиссияе, ки кафедраи дахлдор муайян менамояд, бояд то оғози баргузории сессияи имтиҳонии даври академӣ ба роҳ монда шавад. Дар ҳолати сари вақт ҳимоя накардани кор (лоиҳа)-и курсии фаннӣ, донишҷӯй ба имтиҳони ниҳоии ин фанни таълимӣ роҳ дода намешавад.

## 8. ТАРТИБ ВА ТАШКИЛИ РАВАНДИ СЕССИЯИ ИМТИҲОНӢ

70.Сессияи имтиҳонӣ дар як соли таҳсил ду маротиба баробари ба анҷом расидани ҳафтаҳои таълими назариявии ҳар як даври академӣ бо мақсади қабули имтиҳонҳои ниҳоӣ

аз фанҳои таълимӣ ташкил ва гузаронида мешавад. Муҳлати гузаронидан ва миқдори ҳафтаҳои сессияи имтиҳонӣ тибқи нақшаи таълимӣ муқаррар карда мешавад.

71.Шакли назорат танҳо имтиҳон мебошад. Имтиҳони ниҳоӣ вобаста ба талаботи барномаи таълимии фан ва хусусиятҳои касбии ихтисос дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ, тестӣ, амалӣ, эҷодӣ, малакаҳои клиникӣ ва омехта гузаронида мешавад. Асосноккунии шакли қабули имтиҳони ниҳоӣ дар оғози даври академӣ бо пешниҳоди мудири кафедра ва бо қарори шурои таълимию методӣ (илмӣ-методӣ)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тасдиқ карда мешавад.

Ташкил ва баргузории сессияи имтиҳони ниҳоӣ тибқи фармоиши ректор (директор)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда мешавад.

72. Ќабули имтињонњои нињої дар муассисањои тањсилоти олии касбии Љумњурии Тољикистон тибќи Тартиби ќабули имтињонњои нињої дар муассисањои тањсилоти олии касбии Љумњурии Тољикистон дар шакли шифоњї, хаттї ва омехта ба рох монда мешавад (ЌЊМ ВМИЉТ аз 29.09.2023, №13/3).

73.Ворид намудани тағйирот ба натиҷаҳои дар имтиҳонҳои фосилавии 1, 2 ва имтиҳони ниҳоии бадастовардаи донишҷӯй қатъиян манъ аст.

74.Оид ба натиҷаи ҳар як сессияи имтиҳонӣ ба донишҷӯй дар ҳолати зарурат транскрипт (маълумотномаи академӣ) дода мешавад.

## 9. АПЕЛЛЯТСИЯ ВА ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ ОН

75.Апеллятсия аз тарафи комиссияи апеллятсионӣ гузаронида мешавад. Комиссияи апеллятсионӣ то оғози сессияи имтиҳонӣ бо фармоиши ректор (директор) таъсис дода шуда, ба ҳайати он намояндаи қисми таълим, садорати факултет ва омӯзгори фанни мувофиқ дохил карда мешаванд.

76.Апеллятсия дар асоси аризаи донишҷӯй дар ҳолатҳои зерин гузаронида мешавад:

-ғалат пешниҳод гардидани маводи имтиҳонӣ аз ҷониби омӯзгори фанни таълимӣ ё ҳангоми генератсияи онҳо бо хатои техникӣ таҳия гардидани варианти саволномаҳои тестӣ;

-набудани ҷавоби дуруст ё овардани ду ҷавоби дуруст дар байни ҷавобҳои ба саволномаи тестӣ пешниҳодшуда аз ҷониби омӯзгори фанни таълимӣ;

-берун аз доираи барномаи таълимии фан пешниҳод гардидани саволномаҳо ва билети имтиҳонӣ;

-ба ҳисоб нагирифтани ҷавобҳои дуруст ва ҷой доштани хатоии техникӣ;

-аз меъёр кам гузоштани вақти ҷудошуда барои супоридани имтиҳон; -дуруст кор накардани барномаи компютерӣ ва қатъ гардидани фаъолияти он; -халал расонидан ба донишҷӯй супоридани имтиҳон.

77.Дархости донишҷӯй дар асоси аризаи ӯ оид ба гузаронидани апеллятсия дар муддати на дертар аз 48 соат аз лаҳзаи эълон гардидани натиҷаи имтиҳони ниҳоӣ баррасӣ карда мешавад.

78.Тартиби гузаронидани апеллятсия:

-донишҷӯй рӯзи эълон шудани натиҷаи имтиҳони ниҳоӣ бо нишон додани номи фан ба раёсати таълим бо ариза муроҷиат мекунад. Комиссия аризаи донишҷӯйро арзёбӣ ва зарурати гузаронидани апеллятсияро тасдиқ мекунад;

-натиҷаи апеллятсия ба варақаи апеллятсионӣ гузаронида мешавад.

## 10.ТАРТИБИ БАРТАРАФ НАМУДАНИ ҚАРЗҲОИ АКАДЕМӢ

79.Қарзҳои академии донишҷӯй ҳангоми ба Fx ва F баробар шудани натиҷаи ниҳоии азхудкунии барномаи таълимии ин ё он фан ва ё бесабаб ҳозир нашудан ба имтиҳони ниҳоӣ ба вуҷуд меоянд.

80.Садорати факултет сабабҳои ба вуҷуд омадани қарзҳои академиро таҳлил намуда, номгӯйи фанҳои таълимиро барои такроран супоридани имтиҳонҳо муқаррар менамояд.

81.Такроран супоридани имтиҳон аз ин ё он фанни таълимӣ пас аз сессия (бе пардохти маблаға иловагӣ) ба донишҷӯёне иҷозат дода мешавад, ки аз имтиҳонҳои фосилавӣ бомуваффақият гузаштаанд, вале бо сабабҳои узрнок ба имтиҳони ниҳоӣ ҳозир нашудаанд ё ки баҳои Fx гирифтаанд. Ба ин гурӯҳ донишҷӯёне низ дохил мешаванд, ки дар машғулиятҳои таълимӣ иштирок намуда, аз имтиҳонҳои фосилавии 1 ё 2 холҳои баланд гирифтаанд, вале бо сабаби беморӣ (бо ҳуҷҷати тиббӣ тасдиқшуда) ба имтиҳони ниҳоӣ ҳозир нашудаанд. Ба ин қабил донишҷӯён барои супоридани имтиҳон пас аз сессия то як моҳ муҳлат муқаррар карда мешавад. Дар мавриди такроран супоридани имтиҳони ниҳоӣ шакли қабули имтиҳон ва ҳайати комиссия тағйир намеёбад.

82.Садорати факултет ва мутахассиси маркази бақайдгирӣ ва машварат (бақайдгиранда) номгӯйи фанҳои таълимӣ, ному насаби донишҷӯёни қарзҳои академӣ доштаро муайян намуда, ҷадвали такроран супоридани имтиҳонҳоро бо нишон додани сана, вақт ва макон тартиб медиҳанд ва барои тасдиқ ба муовини ректор оид ба таълим пешниҳод менамоянд.

83.Қарзҳои академӣ аз фанҳои таълимие, ки омӯзиши онҳо тибқи нақшаи таълимӣ дар ду ва зиёда даври академӣ пешбинӣ шудааст, ҳатман бо риояи пайдарпайии омӯзиш ва бартараф намудани онҳо ба роҳ монда мешавад.

84.Ба истиснои ҳолатҳои дар банди 81 низомномаи мазкур овардашуда (бе пардохти маблаға иловагӣ) такроран супоридани имтиҳонҳо бидуни аз нав омӯхтани фан манъ аст.

## 11. ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ ТРИМЕСТР

85.Триместр бо пешниҳоди қисми таълимӣи, садорати факултет ва маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ ташкил карда мешавад.

86.Муҳлати гузаронидан ва давомнокии триместр тибқи тақвими академии раванди таълим муқаррар карда мешавад.

87.Зарурати дар триместр таҳсил намудани донишҷӯй дар асоси ҷой доштани ҳолатҳои зерин муқаррар карда мешавад:

-дар як даври академӣ (ҷамъбасти давраи асосии сессияи имтиҳонӣ) на зиёда аз ду фанҳои таълимӣ баҳои F (ғайриқаноатбахш) гирифтан;

-ҳангоми аз 25 хол паст будани натиҷаи имтиҳонҳои фосилавии 1, 2 ва дар ҳамин асос барои супоридани имтиҳони ниҳоӣ иҷозат нагирифтан;

-насупоридани имтиҳонҳо то анҷоми триместр барои донишҷӯёне, ки тибқи банди 79-и Низомномаи мазкур муқаррар карда шудааст;

-паст будани натиҷаи холи умумии миёнаи бадастоварда (GPA)-и донишҷӯён нисбат ба холи умумии миёна (GPA)-и вобаста ба курсҳо муқарраршуда.

88.Триместр бо назардошти талаботи зерин ташкил карда мешавад:

-ҳадди ақал аз 8 нафар кам набудани ҳайати гурӯҳҳое, ки ба машғулиятҳои таълимии ин ё он фанни таълимӣ фаро гирифта мешаванд;

-дар ҳолати аз 8 нафар кам будани донишҷӯён аз худ намудани барномаи фанни таълимӣ дар шакли инфиродӣ ба роҳ монда мешавад;

-сарфи меҳнати омӯзгор дар триместр (ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ дар шакли гурӯҳӣ, мусоҳиба ва машғулиятҳои инфиродӣ иҷро намудани сарбории таълимӣ) аз ҳисоби маблаға пардохти 1 кредит на кам аз 50 фоиз пардохт мегардад.

89.Ба расмият даровардани триместр бо тартиби зерин сурат мегирад:

-донишҷӯйи қарздор то оғози триместр ба декани факултет ариза пешниҳод менамояд;

-садорати факултет ҷиҳати ташкили гурӯҳ ному насаби омӯзгорро муайян карда, дар мувофиқа бо раёсати таълим ҷадвали машғулиятҳои дарсии триместр, инчунин, барои

донишҷӯёни қарздоре, ки гурӯҳро ташкил намедиҳанд, ҷадвали машғулиятҳои инфиродиро барои мунтазам аз худ намудани барномаи таълимӣ тартиб медиҳад. Пас аз пурра пардохт намудани маблағи таҳсил аз ҷониби донишҷӯён онро барои тасдиқ ба муовини ректор оид ба таълим пешниҳод менамояд.

90.Садорати факултет барои пардохти саривақтии маблағи таҳсил дар триместр аз ҷониби донишҷӯёни қарздор масъул мебошад. Пардохти маблағ тавассути муҳосибот (хазина) сурат мегирад.

91.Маркази бақайдгирӣ ва машварат аз рӯйи натиҷаҳои триместр холи умумии миёна (GPA)-и донишҷӯйро аз нав муайян менамояд.

## 12. ТАРТИБИ БАРТАРАФ НАМУДАНИ ФАРҚИЯТИ АКАДЕМӢ

92.Фарқияти академӣ аз рӯйи нақшаҳои таълимӣ дар ҳолати зерин пайдо мешавад:

-гузариши донишҷӯй аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба муассисаи таҳсилоти олии касбии дигар;

-гузариши донишҷӯй аз як ихтисос ба ихтисоси дигар;

-баргаштани донишҷӯй аз рухсатии академӣ (дар ҳолати иваз шудани нақшаи таълимӣ);

-барқароршавии донишҷӯй пас аз хориҷшавӣ.

93.Раванди супоридани фарқияти академӣ иҷрои амалҳои зеринро аз ҷониби донишҷӯён талаб менамояд:

-иҷрои супоришҳои омӯзгор бо мақсади ҷамъоварии кредитҳои дар нақшаи таълимӣ муқарраргардида;

-бартараф намудани фарқияти академӣ аз рӯйи нақшаҳои таълимии самти ихтисос ҷиҳати азхудкунии барномаҳои таълимии фанҳои муқарраршуда.

94.Муҳлати супоридани фарқият аз рӯйи нақшаи таълимӣ то охири даври академӣ муқаррар карда мешавад.

## 13.ТАҶРИБАОМӮЗӢ

95.Таҷрибаомӯзӣ (таълимӣ, саҳроӣ, истеҳсолӣ, омӯзгорӣ, пешаздипломӣ ва клиникӣ) мувофиқи нақша ва барномаи таълимӣ гузаронида мешавад.

96.Таҷрибаомӯзӣ мақоми фанҳои таълимии ҳатмиро доро буда, ҷузъи асосии муайянкунандаи самт (траектория)-и таҳсилоти донишҷӯй ва салоҳиятҳои касбии хатмкунанда мебошад.

97.Натиҷаи таҷрибаомӯзӣ тибқи низоми холдиҳӣ-рейтингӣ баҳогузорӣ шуда, ҳангоми муайян намудани холи умумии миёна (GPA)-и донишҷӯй ба ҳисоб гирифта мешавад. Ҳолатҳои дигари таҷрибаомӯзии донишҷӯён тибқи Низомномаи намунавӣ дар бораи таҷрибаомӯзии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

## 14.ТАРТИБИ ХОРИҶ, БАРҚАРОРКУНӢ ВА ИНТИҚОЛИ ДОНИШҶӮЙ

98.Донишҷӯе, ки бо сабабҳои гуногун аз сафи донишҷӯён хориҷ карда мешавад, баъд аз гузаштани як даври академӣ (ба истиснои ба муассисаи таълимӣ омадан бо идора намудани воситаҳои нақлиёти механикӣ бе ҳуқуқи барқароршавӣ ба муддати се сол) ҳуқуқи барқарор шуданро дорад.

Миқдори кредитҳое, ки донишҷӯй то давраи хориҷшавӣ соҳиб гаштааст, ҳангоми барқарор шудани ӯ пурра ба инобат гирифта мешавад.

99.Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷи кишвар таҳсил намуданд ва бо сабабҳои гуногун аз сафи донишҷӯён хориҷ шудаанд, дар сурати пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда дар бораи таҳсилот, новобаста аз

муҳлати хориҷ, ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тариқи шартномавӣ барқарор карда мешаванд.

100.Донишҷӯе, ки холи умумии миёна (GPA)-и ӯ аз рӯйи ҳамаи фанҳои таълимӣ баъд аз ҷамъбасти натиҷаи триместр аз холи умумии миёна (GPA)-и дар банди 50-и Низомномаи мазкур муқарраршуда паст мебошад, аз курс ба курс гузаронида намешавад.

101.Раёсати таълим дар асоси маълумотнома (транскрипт)-и донишҷӯй фарқияти академиро аз рӯйи нақшаи таълимӣ барои курс ва ихтисоси мувофиқ муайян ва пешниҳод менамояд.

102.Бартараф намудани фарқияти академии нақшаи таълимӣ ҳангоми барқарор ва ё интиқол гирифтани донишҷӯй бе пардохти маблағ ба таври мустақилона бо роҳбарии омӯзгори фаннӣ ба роҳ монда мешавад.

103.Ҳолатҳои дигари хориҷ, барқарор ва интиқоли донишҷӯй тибқи Тартиби хориҷ, барқарор ва интиқоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

## 15.ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ДОНИШҶӮЙ

104.Ҳангоми тартиб додани нақшаи таълимии фардии худ донишҷӯй уҳдадор аст, ки қоидаҳои дар Низомномаи мазкур дарҷёфтаро риоя кунад:

-дар нақшаи таълимии фардӣ дарҷ намудани 100 фоизи фанҳои ҳатмие, ки омӯзиши онҳо ба як соли таҳсил рост меояд;

-номнавис шудан ба омӯзиши фанҳои ҳатмӣ ва интихобӣ дар ҳаҷми 60 кредит (70 кредит барои ихтисосҳои тиббӣ) дар як соли таҳсил.

105.Донишҷӯй ҳуқуқ дорад, ки дар соли таҳсил ба теъдоди фанҳое, ки ҳаҷми умумии меҳнатталабии азхудкунии барномаҳои таълимии онҳо зиёда аз 60 кредит (70 кредит барои ихтисосҳои равияҳои тиббӣ)-ро ташкил медиҳад, номнавис шавад. Дар ин ҳолат бо назардошти бомуваффақият иҷро намудани нақшаи таълимии фардии худ (дар давоми даври академӣ аз худ намудани 60 кредит ва дар триместр миқдори иловагии кредитҳо) ӯ метавонад муассисаи таҳсилоти олии касбиро пеш аз муҳлати тибқи нақшаи таълимии самт (ихтисос)-и интихобкардааш муқарраргардида хатм намояд.

106.Донишҷӯйи дар намуди таълими пулакӣ таҳсилкунанда ҳуқуқ дорад, ки мувофиқи имконият ва хоҳиши худ дар нақшаи таълимии фардӣ миқдори фанҳоро дар ҳаҷми аз 60 кредит (70 кредит барои ихтисосҳои равияҳои тиббӣ) камтар дарҷ намояд. Дар ин сурат муҳлати таҳсили ӯ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ нисбат ба муҳлати таҳсиле, ки тибқи нақшаи таълимии ихтисоси интихобкардааш муқаррар гардидааст, зиёд мешавад.

107.Барои донишҷӯйи дар намуди ройгон таҳсилкунанда кам кардани муҳлати таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бе пардохти маблағ ва зиёд кардани муҳлати таҳсил бо пардохти маблағ иҷозат дода мешавад.

108.Дар давраи таҳсил донишҷӯй уҳдадор аст, ки тамоми фанҳои таълимиро мувофиқи нақшаи таълимии фардии тасдиқшуда аз худ намояд.

## 16. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ОМӮЗГОР

109. Дар доираи озодиҳои академие, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян намудаанд, омӯзгор ҳуқуқ дорад:

-бо салоҳдиди худ (дар доираи талаботи умумии муқарраршуда) шаклу услубҳои гуногуни иҷро, қабул ва холгузориро ба корҳои мустақилонаи донишҷӯён, вобаста ба муҳиммият ва сатҳи мураккабии мавзуъ (модул)-ҳои алоҳидаи фанни омӯхташаванда истифода барад;

-бо мақсади таъмини болоравии сифати таҳсилот, шаклу услубҳои нави интерактивии таълимро дар ҷаласаҳои кафедра, шурои таълимӣ-методии (илмӣметодӣ) факултет барои

баррасӣ ва муҳокима пешниҳод карда, зарурату самарабахшии татбиқи онҳоро исбот ва дифоъ намояд;

-ба донишҷӯён барои иштироки фаъол дар дарсҳо, маҳфилҳои фаннӣ, иҷрои саривақтӣ ва босифати супоришҳои мустақилона (дар ҳудуди муқарраршуда) холҳои ҳавасмандӣ гузорад.

110. Дар доираи масъулиятҳое, ки тибқи шартномаҳои тарафайни байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва донишҷӯён муқаррар гардидаанд, омӯзгор уҳдадор аст:

-донишҷӯёнро бо силлабус, маҷмуаи таълимию методӣ аз фанни омӯхташаванда (матни мухтасари лексияҳо, нақша ва усули гузаронидани дарсҳои амалию клиникӣ, лабораторӣ, супоришҳо барои кори мустақилона, маводи имтиҳонӣ), маводи фаъоли тақсимшаванда ва ғайра дар шакли чопӣ ё электронӣ таъмин намояд;

-дар барномаи корӣ (силлабуси)-и фан усули гузаронидани дарсҳои лексионӣ, машғулиятҳои амалӣ, мусоисиба ва қабули супоришҳои мустақилонаи донишҷӯёнро бо нишон додани макону вақт, инчунин талабот нисбати донишҷӯён дарҷ карда, риояи онро таъмин намояд;

-раванди азхудкунии барномаи таълимии фанро аз ҷониби ҳар як донишҷӯй мунтазам назорат намояд;

-пас аз ҷамъбасти натиҷаҳои имтиҳони фосилавии якум хулосаҳои зарурӣ бароварда, дар раванди таълими фан тағйироти муфид ворид намояд;

-эродҳои дар натиҷаи иштирок ба дарси омӯзгор аз тарафи мудири кафедра, комиссияи шурои илмӣ-методӣ, (таълимӣ-методӣ), шуъбаи идоракунии сифати таҳсилот гирифта ва дархости донишҷӯёнро ҷиҳати беҳдошти раванди таълим ба эътибор гирад ва баҳри болоравии сифати таълиму тарбия кӯшиш ба харҷ диҳад;

-сатҳи азхудкунии мавзуъҳо, қисм (модул)-ҳои алоҳида ва барномаи таълимии фанро аз ҷониби донишҷӯён амиқ муайян карда, ба натиҷаи фаъолияти онҳо объективона холгузорӣ намояд;

-сарбории қисми аввал (таълимӣ) ва қисми дуюм (таълимӣ-методӣ, илмӣтаҳқиқотӣ, илмӣ-клиникӣ, ташкилию тарбиявӣ)-и тасдиқшударо пурра иҷро карда, аз натиҷааш дар охири ҳар нимсола ба мудири кафедра ҳисобот пешниҳод намояд.

## 17. ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ ТАҲСИЛ

111. Њаљми арзиши аслии 1 кредит њангоми ба тањсил фаро гирифтани донишљўй дар триместр новобаста аз шакли тањсил (ройгон ва пулакї) тибќи харљномае, ки аз љониби муассисаи тањсилоти олии касбї дар мувофиќа бо маќомотњои ваколатдори давлатї тасдиќ шудааст, муайян карда мешавад (ЌЊМ ВМИЉТ аз 29.09.2023, №13/3).

112.Соатҳои машғулиятҳои таълимӣ дар давраи триместр ба тариқи зайл ҳисоб карда мешаванд:

-барои таълими 1 кредит (соатҳои фаъоли 1 кредит аз 16 соат иборат аст) 4 соат муқаррар карда мешавад.

113. Донишҷӯй маблағи таҳсили солонаро тибқи талаботи шартномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо донишҷӯй пардохт менамояд.

## 18.МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

114. Дар сурати риоя накардани талаботи Низомномаи мазкур тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба шахсони масъул чораи дахлдори ҳуқуқӣ андешида мешавад.